«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ
д.и.и., профессор Давлатзода Қ.Қ.
_______________________
«30» 09 соли 2025

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Оид ба рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 - Экология дар кафедраи «Ташкили интиқол ва идора дар нақлиёт» ва «Коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту газ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии рисола, номзад дар вазифаи муовини декан оид ба таълими Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ фаъолият намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** д.и.т., и.в. профессор Сайдализода Абдурауф Сайдали мебошад. Мавзӯи рисолаи илмии Саидзода Муҳаммад Раҳим «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ тасдиқ шудааст.

Барои натиҷаҳои баррасии рисолаи номзадӣ бо мавзӯи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» хулосаи зерин қабул карда шуд:

**Арзёбии кори иҷрошуда.** Рисолаи номзадии Саидзода Муҳаммад Раҳим бо мавзӯи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» ба масъалаи муҳими экология бахшида шудааст, бо забони равон ва илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти мукаммали ихтисосиро дар бар мегирад. Ҳадафи кори рисола комилан амалӣ гардида, вазифаҳо мувофиқи методология ва усулҳои интихобшуда ҳал шудаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

**Ширкати шахсии довталаб дар ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола овардашуда.** Ҳиссаи шахсии муаллиф дар муайян намудани ҳадафҳо, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асоснок кардани рӯйхати вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, инчунин дар расонидани муқаррароти назариявӣ ва методологӣ ба сатҳе мебошад, ки истифодаи онҳо барои такмили экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ имконпазир мегардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта**. Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ мавзӯи муҳиме мебошад, ки ба таҳлили таъсири экологии равандҳои истеҳсол ва истифодаи биоэтанол ҳамчун сӯзишвории алтернативӣ равона шудааст. Биоэтанол як сӯзишвории тозатар ва экологӣ мебошад, ки метавонад партовҳои газҳои гармхонавиро коҳиш диҳад ва ба ҳифзи муҳити зист мусоидат кунад. Таҳқиқоти ин мавзӯъ имконият медиҳад, ки самаранокии истеҳсол ва истифодаи биоэтанол дар соҳаи нақлиёт арзёбӣ гардад ва роҳҳои беҳтар кардани равандҳои истеҳсолӣ ва истифодаи он пешниҳод шаванд. Инчунин, арзёбии экологии мазкур барои ҳавасмандгардонии истифодаи технологияҳои сабз ва рушди нақлиёти экологӣ муҳим мебошад.

**Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти мазкур аввалин бор арзёбии мукаммали экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол дар доираи иқтисодиёту технологияҳои нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Навоварӣ дар истифодаи усулҳои системавӣ ва комплексии арзёбӣ, ки омилҳои экологӣ, иқтисодӣ ва технологиро ҳамзамон дарбар мегирад, ифода ёфтааст. Ҳамчунин, таҳқиқот барои такмили методологияи арзёбии таъсири экологии биоэтанол дар шароити маҳаллӣ ва таҳияи тавсияҳои мушаххас барои беҳтар намудани самаранокии истеҳсол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёт саҳми назаррас гузоштааст. Ин таҳқиқот асоси илмӣ барои татбиқи технологияҳои сабз ва рушди нақлиёти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Навоварии илмии таҳқиқоти рисолаи илмӣ** дар он аст, ки барои аввалин бор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ташкилӣ-иқтисодии истеҳсол ва истифодаи сӯзишвории биологии биоэтанол ва таъсири экологии он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки ин навовариҳо дар бандҳои зерин ифода ёфтаанд ва барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили системавии таъсири экологии истеҳсол ва истифодаи сӯзишвории биологии биоэтанол дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ анҷом дода шудааст.

2. Асосҳои методологии арзёбии таъсири экологии биоэтанол дар шароити маҳаллӣ таҳия гардида, усулҳои нави таҳлил ва баҳогузорӣ пешниҳод шудаанд.

3. Модели комплексии арзёбии экологӣ-иқтисодии истеҳсол ва истифодаи биоэтанол таҳия шуда, он барои қабули қарорҳои стратегӣ дар соҳаи нақлиёт ва ҳифзи муҳити зист истифода мешавад.

4. Таҳлили муқоисавӣ ва омилҳои таъсиррасон ба самаранокии истеҳсол ва истифодаи биоэтанол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом гирифта, роҳҳои оптималии рушди технологияҳои сабз пешниҳод шудаанд.

5. Тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтарсозии равандҳои истеҳсол ва истифодаи биоэтанол бо мақсади кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва рушди

нақлиёти экологӣ таҳия гардидаанд.

6. Ҷиҳати татбиқи технологияҳои сабз ва рушди соҳаи нақлиёти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси илмӣ фароҳам оварда шудааст.

**Муҳияти илмӣ ва амалии кори диссертатсионӣ.** Муҳияти илмии кори диссертатсионӣ дар таҳияи усулҳо ва моделҳои нави арзёбии экологии истеҳсол ва истифодаи сӯзишвории биологии биоэтанол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Таҳқиқот асоси назариявӣ ва амалии рушди технологияҳои сабз ва ҳифзи муҳити зистро таъмин менамояд.

**Муҳимтарин ҷузъи амалии кор:** пешниҳод намудани тавсияҳои мушаххас барои оптималӣ гардонидани равандҳои истеҳсол ва истифодаи биоэтанол дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ мебошад, ки ин ба кам кардани партовҳои зараровар ва беҳтар намудани сифати муҳити зист мусоидат мекунад.

Инчунин, натиҷаҳои кори диссертатсионӣ барои сиёсати давлатӣ дар бахши рушди энергетикаи барқароршаванда ва нақлиёти экологӣ ҳамчун заминаи муҳим хизмат мекунанд. Натиҷаҳои ба дастомадаи муаллиф дар раванди таълими фанҳои «Экология», «Мудофиаи шаҳрвандӣ», «Инноватсияҳо дар нақлиёт», «Технологияи ташкил ва идоракунӣ дар нақлиёти мусофиркашонӣ», «Логистикаи нақлиёт», «Арзёбии нархҳо дар нақлиёт», инчунин ҳангоми омӯзиши фанҳои «Биотехнология», «Технологияи истеҳсоли биоэтанол» барои донишҷӯён ва магистрантҳои ихтисосҳои дахлдор дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими истифода мешаванд.

**Арзиши илмии кор.** Арзиши илмии рисолаи илмӣ дар он аст, ки дар он асосҳои назариявии истеҳсол ва истифодаи сӯзишвории биологии биоэтанол, инчунин таъсири экологии он таҳлил ва асоснок гардидаанд. Таҳқиқоти муфассал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили равандҳои экологии ҳосил намудани биоэтанол ва самаранокии истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ пешниҳод шудааст. Ҳамзамон, дурнамои рушди технологияҳои сабз ва истифодаи биоэтанол ҳамчун сӯзишвории алтернативӣ барои беҳтар кардани сифати муҳити зист дар кишвар пешниҳод карда шудааст.

**Мувофиқати мазмуни диссертатсия бо ихтисоси интихобшуда**. Рисолаи илмии Саидзода Муҳаммад Раҳим бо мавзӯи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» пурра ба ихтисоси интихобшуда мувофиқ мебошад. Мавзӯъ оид ба масъалаҳои экологии истеҳсол ва истифодаи сӯзишвории биологӣ дар бахши муҳити зист равона шудааст, ки он бо мақсадҳои ихтисоси таҳқиқшуда созгор аст. Дар рисолаи илмӣ масъалаҳои муҳими арзёбии таъсири экологии истифодаи биоэтанол, таҳлили технологияи истеҳсол ва татбиқи он дар нақлиёти автомобилӣ бо истифода аз усулҳои муосири таҳлил ва баҳодиҳӣ таҳқиқ шудаанд. Ин василаҳои илмӣ ва мавзӯъҳои интихобшуда дар доираи ихтисоси

мухтасар буда, дар рушди илмҳои экологӣ ва истифодаи сӯзишвории алтернативӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Ҳамин тариқ, мазмун ва натиҷаҳои корҳои илмии рисолаи илмӣ пурра аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 - Экология интихобшуда қарор гирифта, ба рушди илм ва амалияи соҳаи мавриди таҳқиқ таъсири мусбат доранд.

**Рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи** шиносномаи ихтисоси 2.9.6 - Экология иҷро гардида ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бандҳои зерин ҷавобгӯй мебошад: 3.1. Арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири воситаҳои нақлиётӣ ва системаҳои нақлиёт (аз ҷумла марҳилаи сохтмон) ба экосистемаҳои табиӣ дар сатҳҳои гуногун. 3.2. Омӯзиши ифлосшавии ҷузъҳои муҳити зист (об, хок, ҳаво, растаниҳо) аз ҷониби воситаҳои нақлиёт ва воситаҳои техникии нақлиёт бо мақсади таҳияи меъёру стандартҳои аз ҷиҳати экологӣ асоснок оид ба паст ва ё бартараф намудани таъсири фаъолияти нақлиётӣ ба муҳити зист. 3.5. Асосҳои илмии ҷойгиркунӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва нобудсозии партовҳои заҳролуд ва дигар партовҳои аз фаъолияти нақлиётӣ ҳосилшуда. 3.6. Асосноккунии илмӣ, таҳия ва такмили воситаҳои нақлиёт, иншоот ва системаҳои нақлиёт, усулҳои танзими фаъолияти лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, таъмини пешгирӣ ва кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист. 3.7. Тадқиқоти илмӣ дар соҳаи ба вуҷуд овардани воситаҳои нақлиётии аз ҷиҳати экологӣ тоза, технологияи сабз, энергия ва захира сарфакунанда. 3.8. Ташаккул ва такмил додани системаи мониторингӣ экологӣ дар нақлиёт. 3.10. Асосноккунии илмии принсипҳо ва таҳияи усулҳои пешгӯй, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ифлосшавии муҳити зист ҳангоми садамаҳои техногенӣ ва офатҳои табиӣ дар иншооти нақлиётӣ.

**Пуррагии ифодаи маводи диссертатсия дар корҳои нашршудаи номзад**.

Вобаста ба натиҷаҳои тадқиқот 17 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 9,5 ҷ.ч., нашр гардидаast, ки аз ин шумора 11 мақола дар маҷаллахое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷуумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд. Ду адад патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои ихтироъкорӣ низ дарёфт шудааст.

**Феҳристи корҳои нашршуда вобаста ба мавзӯи диссертатсия:**

**А) Нашрияҳо дар маҷаллаҳои тақризии тавсияшудаи КОА ҶТ**:

1. Исмоилов М.И., **Саидзода М.Р.** Роҳҳои беҳдошти назорат ва танзими фаъолияти нақлиёти мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе [Текст] / Исмоилов М.И., Саидзода М.Р. // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. №3 (59) 2022г., стр. 85-89 УДК 656. 338:656.072+577.4.

2. Сайдализода А.С., Маджидзода Т.С., **Саидзода М.Р.** Транспортно-технологическая система и их взаимодействие с окружающей средой [Текст] / Сайдализода А.С., Маджидзода Т.С., Саидзода М.Р. // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. №3 (63) 2023г., стр. 113-117. УДК 656. 338:656.072+577.4.

3. Сайдализода А.С., **Саидзода М.Р.** Моделирование транспортного потенциала на развитие транспортно-технологических систем с окружающей средой [Текст] / Сайдализода А.С., Саидзода М.Р. // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. №3 (63) 2023г., стр. 108-112. УДК 656. 338:656.072+577.4.

4. Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудзода Т.М., Иброгимов Ф.Д., **Саидзода М.Р.** Экологическая оценка применения биодизеля как модификатора дизельного топлива в автомобильном транспорте Республики Таджикистан. [Текст] / Иброҳимзода Д.Э., Маҳмудзода Т.М., Иброгимов Ф.Д., Саидзода М.Р. Наука и инновация. Таджикский национальный университет. Серия геологических и технических наук. 2024. №3.УДК 004+303.2. стр. 142-146. ISSN 2664-1534.

5. Сайдализода А.С., **Саидзода М.Р.,** Каримов А.А., Муродов С.Д**.** Анализ состояния отрасли пассажирских автомобильных перевозок [Текст] / Сайдализода А.С., Саидзода М.Р., Каримов А.А., Муродов С.Д. // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал) Серия: ISSN: 2663-6417, №2-4 (132) 2024г., стр. 109-115. УДК 656. 338:656.072+577.4.

6. Сайдализода А.С., **Саидзода М.Р.,** Хафизов Дж.К., Муродов С.Д. Развитие транспортно-технологических систем и влияние ее на окружающую среду [Текст] / Сайдализода А.С., Саидзода М.Р., Хафизов Дж.К., Муродов С.Д. // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава (научный журнал) Серия: ISSN: 2663-6417, №2-3 (129) 2024г., стр. 109-115. УДК 656. 338:656.072+577.4.

7. Амирзода О.Х., Иброгимов Ф.Д., **Саидзода М.Р.** Экологическая оценка применение биодизеля в сравнении с нефтяными дизельными топливами [Текст] / Амирзода О.Х., Иброгимов Ф.Д., Саидзода М.Р. // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. №3(67)2024г., стр.56-60. УДК934.81.19. 620.9.

8. М.И. Исмоилов, Ф.Б. Усмонзода, **М.Р. Саидзода**, К вопросу использования цифровых технологий в сфере автомобильного транспорта [Текст] / М.И. Исмоилов, Ф.Б. Усмонзода, М.Р. Саидзода // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. № 4 (68) 2024, стр. 71-74. УДК 656.13.630; 504.062.

9. **Саидзода М.Р.** Обзор существующих методов и моделей управления транспортными системами с учетом экологических аспектов [Текст] / Саидзода М.Р. // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. №3 (67) 2024г., стр. 56-60. УДК 656. 338:656.072+577.4.

10. М.И. Исмоилов, **М.Р. Саидзода,** Ф.С. Расулов. К вопросу внедрения информационных технологий в государственном регулировании городских пассажирсих перевозок [Текст] / М.И. Исмоилов, М.Р. Саидзода, Ф.С. Расулов. // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. №1 (65) 2024г., стр. 148-154. УДК УДК 656.13.630+5774.

11. **Саидзода М.Р.,** Маҳмудзода Т.М. Клавификация газових и аэрозольных выбросов и их воздействие на экологию окружающей среды. [Текст] / Саидзода М.Р., Маҳмудзода Т.М. Наука и инновация. Таджикский национальный университет. Серия геологических и технических наук. 2025. №3.УДК 004+303.2. ISSN 2664-1534.

**В) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

12. Фохаков А.С., **Саидзода М.Р.** Актуальность проблемы исследования: совершенствование системы управления и взаимодействия транспортно-технологических систем с окружающей средой [Текст] / Фохаков А.С., Саидзода М.Р. // Сборник научных трудов. Материалы республиканской научно-практической конференции “НАУКА – ОСНОВА ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ” // Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими. Душанбе. - 2022. – Стр. 357-362.

13. Фохаков А.С., Маджидов Т.С., **Саидзода М.Р.** Особенности формирование и развитие транспортно-технологической системы с окружающей средой [Текст] / Фохаков А.С., Маджидов Т.С., Саидзода М.Р. // Сборник научных трудов. Материалы республиканской научно-практической конференции “НАУКА – ОСНОВА ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ” // Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими. Душанбе. - 2022. – Стр. 362-367.

14. А. Сайдализода, **М. Саидзода,** П. Хужаев. Организация автомобильных перевозок и выбор маршрута [Текст] / А. Сайдализода, М. Саидзода, П. Хужаев // Сборник научных трудов. Международной и научно-технической конференции «Механизация сельского хозяйства: наука и инновация». Часть 2. // Ферганский политехнический институт. Фергана-2024. 25-26 апреля. Стр. 36-41. Республика Узбекистан.

15. А. Сайдализода, **М. Саидзода,** П. Хужаев. Структура пассажирского и грузового автопарка, его влияние на развитие транспортно-технологических систем и окружающую среду в горных регионах Республики Таджикистан [Текст] / А. Сайдализода, М. Саидзода, П. Хужаев. // Сборник научных трудов. Международной и научно-технической конференции «Механизация сельского хозяйства: наука и инновация». Часть 2.// Ферганский политехнический институт. Фергана -2024. 25-26 апреля. Стр. 41-48. Республика Узбекистан.

16. Сайдализода А.С., **Саидзода М.Р.,** Хужаев П.С., Якубов К.А. Анализ влияния транспорта на окружающую среду, включая выбросы вредных веществ и энергопотребление [Текст] / Сайдализода А.С., Саидзода М.Р., Хужаев П.С., Якубов К.А. // Сборник научных трудов. Международной и научно-технической конференции «Развитие зеленной энергетики посредством мониторинга окружающей среды и изменения климата и переработки отходов». Часть 1. // Самаркандский государственный архитектурно-строительный университет.

Самарканд-2025. 1-2 мая. Стр. 24-30. Республика Узбекистан. УДК 656. 338:656.072+577.4.

17. Сайдализода А.С., **Саидзода М.Р.,** Хужаев П.С., Мирзаев А. Анализ применимости различных подходов и методов к исследуемой проблеме системы управления транспортно-технологическими системами с окружающей средой [Текст] / Сайдализода А.С., Саидзода М.Р., Хужаев П.С., Мирзаев А. // Сборник научных трудов. Международной и научно-технической конференции «Развитие зеленной энергетики посредством мониторинга окружающей среды и изменения климата и переработки отходов». Часть 1. // Самаркандский государственный архитектурно-строительный университет. Самарканд-2025. 1-2 мая. Стр. 386-395. Республика Узбекистан. УДК 656. 338:656.072+577.4.

Диссертатсияи номзадии Саидзода Муҳаммад Рахим бо мавзӯи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» барои дифоъ пешниҳод мегардад. Ин рисола ба ихтисоси 2.9.6 - Экология мансуб аст.

Дар рафти овоздиҳӣ барои дифои диссертатсия 29 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии ошкоро:

Тарафдор - 29

Муқобил - нест

Бетараф - нест

Хулоса дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраҳои ташкили интиқол ва идоракунӣ дар нақлиёт, коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту газ, бехатарии фаъолияти инсон ва экология, иқтисодиёт ва идора дар истеҳсолот, иқтисодиёт ва идора дар сохтмон, инчунин кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ санаи 24 сентябри соли 2025, протоколи №2 қабул шудааст.

**Раис:** Декани факултети иқтисодиёти соҳаҳо ва идораи ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, н.и.и. дотсент А.Н. Ашурзода

**Котиби илмӣ:** Ассистенти кафедраи ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Ш.К. Шодиев

Имзоҳои А.Н. Ашурзода ва Ш.К. Шодиев-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Н.Ҳ. Қодирзода